# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D. КАО–004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Содиқов Метархон Соқибекович дар мавзуи «Татбиқи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккулёбии модели нави ҳамгироии иқтисодӣ (дар мисоли СҲШ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.13– Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст.**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Содиқов Метархон Соқибекович дар мавзуи «Татбиқи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккулёбии модели нави ҳамгироии иқтисодӣ (дар мисоли СҲШ)» таҳқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонанд мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ инъикос гардидааст. Таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои татбиқи манфиатҳои иқтисодии кишвар дар шароити ташаккулёбии модели нави ҳамгироии иқтисодӣ ва ҳамкориҳои судманди иқтисодии кишварҳои узви СҲШ-ро дар бар гирифта, муаллиф доир ба самаранокии онҳо ва тавсеаи фаъолияти СҲШ ҳамчун модели нави ҳамгироии иқтисодӣ тавсияҳои мушаххаси илман асоснок пешниҳод намудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ

ва дар заминаи онҳо татбиқи манфиатҳои иқтисодии кишвар дорои мазмун ва мантиқи ягона мебошад. Дар шароити муосир рушди ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ бо кишварҳои узви СҲШ шарти муҳими таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Сохтори диссертатсия ба талаботи мавҷуда пурра мувофиқ аст. Диссертатсия дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи иқтисодиёти ҷаҳон ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 08.00.13– Иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки аз руйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, тахти №350 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 37 кори илмӣ, аз ҷумла 2 монография ва 24 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти рисолаи илмии Содиқов Метархон Соқибекович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз

тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Содиқов Метархон Соқибекович маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Содиқов Метархон Соқибекович дар мавзуи «Татбиқи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккулёбии модели нави ҳамгироии иқтисодӣ (дар мисоли СҲШ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.13-Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба шурои диссертатсионии 6D. КАО-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд.

- **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Асрорзода Убайдулло Саттор** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- **Набиев Таҳир Толибович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар ба диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди назди Президенти Ҷумҳурии иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Умаров Х.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Исайнов Ҳ.Р.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
узви шурои диссертатсионӣ Иброҳимзода И.Р.